## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Дар адабиётшиносии замони Истиқлоли давлатӣ мавзуъҳои зиёде ба миён омаданд, ки ниёз ба таҳқиқи фарогиру бузургҳаҷмро доранд. Махсусан мавзуъҳои марбут ба фаъолияти тарҷумонӣ, ки собиқаи куҳан дошта, чунонки аз таърихи адабиётшиносӣ маълум мегардад, ҳанӯз пеш зуҳури ислом, китобҳои бисёре аз забонҳои гуногун, минҷумла санскрит дар аҳди Сосониён тарҷума шудаву мутаассифона, қисми зиёди матни паҳлавии онҳо, бинобар сабабҳои мухталиф, то замони мо нарасидаанд.

Бар ин асос, таҳқиқи диссертатсионии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна, ки ба фаъолияти тарҷумонӣ ва эҷодии мутарҷими муосири тоҷик Ҳабиб Аҳрорӣ бахшида шудааст, метавон аз шумори чунин мавзуъҳои ниёзи таҳқиқ донист. Ҳарчанд ки дар суннати фарҳангии мо фаъолияти тарҷумонӣ амалан саҳми муҳимме доштааст, зоҳиран таҳқиқи ҷиддие дар бораи шеваҳо ва равишҳои тарҷума сурат нагирифтааст

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Чунонки ба назар мерасад, унвонҷӯ бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳими адабиву илмӣ, муқоисаву муқобалаи афкори пажӯҳишгаронро бо далоили муътамад мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф сухан дар миён гузоштааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ» унвон дошта, аз 2 фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур, ки «Вежагиҳои шарҳи ҳол ва осори Ҳабиб Аҳрорӣ» номгузорӣ гардидааст, диссертант роҷеъ ба шарҳи ҳол, таълифоти бадеиву илмӣ ва осори тарҷумавии адиб маълумот додааст.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки: «Дар такя ба сарчашмаҳои боэътимод муайян намудаем, ки Ҳабиб Аҳрорӣ яке аз бунёдгузорони маданияти советии тоҷик, тарҷумони номии адабиёти бадеӣ ва сиёсӣ, нависанда, публитсист, забоншинос ва луғатсоз буда, дар солҳои сиюми садаи гузашта зери роҳбарии бевоситаи устод Айнӣ, бо ҳамроҳии шарикдарсонаш – Абдусалом Деҳотӣ ва Абдушукур Пирмуҳаммадзода фаъолияти меҳнатӣ ва адабиашро дар синни ҳаждаҳсолагӣ, яъне соли 1931 дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон, ки дар Самарқанд ташкил шуда буд, оғоз карда, то охирин рӯзҳои ҳаёташ дар хидмати адабиёту фарҳанги тоҷикӣ, бахусус, соҳаи тарҷумаи бадеӣ будааст» (афтореферат, саҳ. 9).

Дар ин замина унвонҷӯ зикр менамояд, ки Ҳабиб Аҳрорӣ ҳангоми таҳсил дар мактаби Абдулқодири Шакурӣ бо шоири шаҳир Ҳабиб Юсуфӣ, тарҷумон ва адабиётшинос Раҳим Ҳошим ва дигар рӯшанфикрони Самарқанд дар ибтидо ҳамдарс ва сониян, ҳамкор будааст. Дар даврони фаъолияти муҳаррирӣ ва мутарҷимияш ӯ аз асрори адабиёти тарҷумавии ҷаҳон огаҳӣ пайдо намудааст. Маҳз аз ҳамин давра марҳилаи аввали омӯзиш ва шиносоии ӯ бо кори тарҷума ва таҳрир оғоз гаштааст.

Бо ҳидоятҳои устод С. Айнӣ аз нимаи солҳои сиюм сар карда, Ҳабиб Аҳрорӣ ба корҳои аввалини тарҷумонӣ шурӯъ намудааст.

Баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Тошканд ва ба Душанбе кӯчонидани Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳабиб Аҳрорӣ фаъолияти муҳаррирӣ ва тарҷумониашро идома додааст.

Унвонҷӯ фасли аввали ин боби диссертатсияашро чунин хулоса намудааст, ки Ҳабиб Аҳрорӣ аз солҳои сиюми садаи бист то охирин рӯзҳои ҳаёташ фаъолияти эҷодиашро дар самтҳои гуногун идома дода, дар ин замина корҳои мондагореро ба сомон расонидааст.

Муҳаққиқ фасли дуюми боби якуми диссертатсия «Фаъолияти адабӣ, тарҷумонӣ ва луғатшиносии Ҳабиб Аҳрорӣ» номгузорӣ намуда, дар он доир ба паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ андешаронӣ намудааст. Дар ин фасл унвонҷӯ дар мавриди аввалин тарҷумаҳои ӯ ёдоварӣ намуда, зери таъсири идеологияи расмии давр, пеш аз ҳама, ба моҳияти иҷтимоии ин гуна осор ва ҷанбаи бадеии онро таъкид намудааст. Ҳамчунин, дар ин фасл азмаҳорати баланди эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ ва таваҷҷуҳи ӯ ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва ахлоқии асари интихобшуда ишора рафтааст.

Дар ин фасли диссертатсия дар бораи фаъолияти нависандагӣ, илмӣ, луғатшиносии ва муҳаққиқи таърих будани Ҳабиб Аҳрорӣ ба таври муфассал сухан рондани диссертант ҷолиб аст. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки унвонҷӯ бо саъй ва талоши Ҳабиб Аҳрорӣ ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикиро махсусан қайд намудааст. Дар анҷоми фасл ба аз маҳорати таълифи

ҳикоя, ёддошт ва мақолаҳо ёдоварӣ намуда, чеҳраи адибию муҳаққиқии Ҳабиб Аҳрорӣ бармало намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Нақши Ҳабиб Аҳрорӣ дар инкишофи назарияи тарҷума ва насри бадеӣ» номгузорӣ шуда, аз ду фасл: фасли аввал «Саҳми Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккули назарияи тарҷумаи бадеӣ» ва фасли дувум «Хусусиятҳои мундариҷавӣ, бадеӣ ва жанрии насри нависанда» иборат мебошад. Дар фаслҳои мазкур ва дар маҷмуъ дар ин боби диссертатсия унвонҷӯ роҷеъ ба андеша ва орои Ҳабиб Аҳрориро дар мавриди назария ва амалияи фаъолияти тарҷумонӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар баробари нишон додани заминаҳои пайдоиш ва густариши фаъолияти мактабҳои тарҷумонӣ диссертант ба офаридаҳои худи Ҳабиб Аҳрорӣ, ки дар самараи заҳматҳои чандсолаи уянд андешаронӣ намудааст.

Унвонҷӯ бо таҳлили қиёсӣ собит сохтааст, ки Ҳабиб Аҳрорӣ яке аз аввалин муҳаққиқ доир ба назария ва таърихи тарҷумаи бадеӣ буда, дар ин замина корҳои қобили мулоҳиза ва судмандеро ба анҷом расонидааст.

Дар ду фасли боби мазкур муҳаққиқ андешаҳои Ҳабиб Аҳрориро доир ба масъалаҳои муҳимми назарияи тарҷума, аз ҷумла, омили забонӣ, донистани забони мабдаъ ва мақсад, ҳифзи мазмуни асл, сабки фардии нависанда, тарҷумаи образ бо образ, ифодаи нозукиҳои тарзи баёни нависандаи нусхаи асл ва ғайра тавассути таҳлили як силсила офаридаҳояш, аз қабили «Суҳбат аз санъати тарҷума», «Кори эҷодӣ ё як навъ касби одӣ?», «Ба муқобили формализм дар кори тарҷума», «Роҷеъ ба терминологияи тоҷик», «Оид ба тарҷумаи адабиёти тоҷик ба забони русӣ» ва ҳикояҳои китоби «Тӯйхӯрии мӯйсафедон», ёддоштҳои «Хотираи устод», «Боздиди охирин», «Марди соҳибдил», «Донишманди мумтоз» хеле хуб нишон дода тавонистааст.

Боби сеюми диссертатсия «Нақш ва ҷойгоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи тоҷикӣ» номгузорӣ гардида, ин боб низ аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб, ки «Таҷрибаи мутарҷим дар интихоб ва тарҷумаи осори бадеӣ» унвон дошта, унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки дар бораи тарҷумаи осори адабиёти ҷаҳонӣ аз тарафи Ҳабиб Аҳрорӣ сухан ба миён оварад. Унвонҷӯ муваффақияти Ҳабиб Аҳрорӣ дар фаъолияти тарҷумонӣ пеш аз ҳама дар он мебинад, ки мутарҷим аз адабиёти ҷаҳон ва рус асарҳоеро барои тарҷума интихоб менамудааст, ки ба вазифа ва руҳи адабиёти тоҷик мувофиқати комил дошта бошанд.

Масъалаи мухтассоти ҳунарӣ ва мавқеи фардии мутарҷим дар тарҷумаи осори бадеӣ дар фасли дувуми боби сеюм, ки «Хусусиятҳои фардӣ ва бадеии сабки тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ» номгузорӣ шудааст, баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ аксари осори тарҷумакардаи Ҳабиб Аҳрориро муқоиса намуда, ба хулосае омадааст, ки дар тарҷумаи осори бадеӣ тамоми талаботи зарурӣ аз тарафи ӯ хуб риоя гардидааст.

Гузашта аз ин муҳаққиқ қайд менамояд, ки бинбар сабабе, ки сабки нависандагон аз ҳам тафовут доранд, сабки тарҷумаҳои осори бадеӣ аз ҳам тафовут пайдо менамоянд.

Дар ин фасл мавқеи ҳунарии мутарҷим бо овардани мушаххасоти махсус аз тарафи муҳаққиқ хеле хуб нишон дода шудааст.

Нишонаҳои сабкӣ ва услубии Ҳабиб Аҳрорӣ дар тарҷумаи ва баъзе паҳлуҳои муҳими таҳқиқии ӯ, ки моҳияти зебоишиносии нусхаи аслро ифода мекунанд аз тарафи унвонҷӯ хеле муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Унвонҷӯ дар он оид ба корбурди вожаҳои ба хонанда маълум ва хусусиятҳои услубиву маъноии онҳо, вожа ва ибораву таркибҳои халқӣ, нақши таноқуз дар осори мутарҷим, калимабозӣ, муҷазбаёнӣ дар навиштаҳои ӯ тадқиқоти ҷиддӣ анҷом додааст.

Хулосабарориҳои муаллифи автореферат, ки дар 10 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 банд пешниҳод гардидаанд, қимати баланди илмиро молик мебошанд. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар қумлаи охири қисмати «**Аҳаммияти назарӣ ва амали таҳқиқ»** баъди калимаи «**таълифи» ибораи «рисола ё китобҳо дар бораи...»** илова гардад, маънӣ рӯшантар мешавад.

2. Дар саҳифаи 11, пеш аз оғози фасли дуюм, дар ҷумлаи «Дар рисола хидматҳои дар ин замина анҷомдодаи Ҳабиб Юсуфӣ муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд». Шояд ин ҷо Ҳабиб Аҳрорӣ бошад?

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад. Масалан, нарасидании вергул с. 12 баъди «Равияи дувум», дар с. 14 баъди ибораи «Дар ин асос», дар сархати дуюми саҳифаи 15 баъди ибораи «муҳаққиқони соҳа» дар саҳифаи 13 дар ибораи «яке аз аввалин муҳаққиқ» суфикси «он» намерасад.

Ба ҳеҷ ваҷҳ, эродҳои ҷузъии мо арзиши илмии авторефератро кам намекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Асозода Ҳотам Раҷаб**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Рӯзигул Солеҳова, № 5.
Тел.: (8-33-22-2-26-99); +992 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru
12-уми феврали соли 2024.

**Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj
12-уми феврали соли 2024.